**5.5.14 ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ МАЪМУРӢ**
**5.5.14 АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО**
**5.5.14 ADMINISTRATIVE LAW; ADMINISTRATIVE PROCEDURAL LAW**

**5.1.2 ПУБЛИЧНО-ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫЕ) НАУКИ**
**5.1.2 ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ. МУРОФИАИ МАЪМУРӢ. ИЛМҲОИ ОММАВӢ-ҲУҚУҚӢ**
**5.1.2 PUBLIC-LEGAL (STATE-LEGAL) SCIENCES**

***УДК 342.9***
***DOI 10.24412/3005-8023-2025-4-59-69***

# МОДЕЛҲОИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУРОФИАИ МАЪМУРӢ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ҲУҚУҚӢ

***Иброҳимов Солиҷон Иброҳимович,***
*д.и.ҳ., профессор, сарходими илмии ИФСҲ-и АМИТ (Душанбе, Тоҷикистон)*

# СОВРЕМЕННЫЕ МОДЕЛИ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ АДМИНИСТРАТИВНОГО ПРОЦЕССА: СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ

***Иброхимов Солиджон Иброхимович,***
*д-р юрид. наук, профессор, главный научный сотрудник ИФПП НАНТ (Душанбе, Таджикистан)*

# MODERN MODELS OF LEGAL REGULATION OF ADMINISTRATIVE PROCESS: COMPARATIVE LEGAL STUDY

***Ibrohimov Solijon Ibrohimovich,*** *doctor of legal sciences, professor, chief of research assistant department of SAST (Dushanbe, Tajikistan)* ***e-mail:*** *soleh_52@mail.ru*

*Равишҳои илмии фаҳмиши мурофиаи маъмурӣ ва сохтори он дар давлатҳои пасошуравӣ ва як қатор давлатҳои хориҷии дур баррасӣ шудааст. Афзоиши таваҷҷуҳ ба таҳияи назарияи умумии «синтезӣ»-и (ҷамъбастии) мурофиаи маъмурӣ, аз ҷумла, методологияи интегративӣ зикр гардидааст. Дар ин қарина, вижагии равишҳо ва фаҳмиши он дар мамлакатҳои хориҷӣ ошкор карда шуда, ду намуди асосии моделҳои кодификатсияшудаи танзими мурофиаи маъмурӣ: - модели танзими ҷудогонаи мурофиаи маъмурӣ ва модели умумии (ягонаи) кодификатсияи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод карда шудааст. Диққати асосӣ ба амалӣ намудани модели умумии (ягонаи) кодификатсияи меъёрҳои расмиёти маъмурӣ ва мурофивии судии маъмурӣ дода шудааст. Дар доираи чунин модел, мурофиаи маъмурӣ, ба таври истисно бо мурофиаи маъмурии судӣ айният дода мешавад. Таҳқиқи таҷрибаи истифодаи моделҳои кодификатсияи ягона ва иҷрои он барои инкишофи консепсияи интегративии мурофиаи маъмурӣ, ки чун ҳодисаи том дар ягонагии ҷузъҳои юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионӣ (позитивӣ) ҳавасмандию заминаҳои иловагӣ ба вуҷуд меорад, сурат гирифтааст. Хусусиятҳои татбиқи методологияи интегративӣ барои дарк ва тафсири мурофиаи маъмурӣ ва масъалаҳои мубрами таҳияи он дар асоси назарияи умумии мурофиаи маъмурӣ ошкор карда шудаанд.*

**Калидвожаҳо:** *мурофиаи маъмурӣ, расмиёти маъмурӣ, истеҳсолоти судии маъмурӣ, модели кодификатсияи ҷудогона, модели кодификатсияи умумӣ (ягона), методи интегративӣ*

*Рассматриваются научные подходы к пониманию административного судопроизводства и его структуры в постсоветских странах и ряде зарубежных стран. Отмечено повышенное внимание к разработке общей «синтетической» (суммарной) теории административного судопроизводства, включающей интегративную методологию. В этой связи раскрывается специфика подходов к её пониманию в зарубежных странах, а*

*также предлагаются два основных типа кодифицированных моделей регулирования административного судопроизводства: модель раздельного регулирования административного судопроизводства и общая (унифицированная) модель кодификации административного судопроизводства. Основное внимание уделяется реализации общей (унифицированной) модели кодификации норм административного судопроизводства и административного судопроизводства. В рамках такой модели административное судопроизводство выделяется исключительно в административное судопроизводство. Изучен опыт использования унифицированных моделей кодификации и их внедрения для разработки интегративной концепции административного судопроизводства, которая как целостное явление в единстве юрисдикционных и неюрисдикционных (позитивных) компонентов создаёт дополнительные стимулы и основания. Раскрываются особенности применения интегративной методологии восприятия и интерпретации административного процесса и актуальные вопросы ее развития на основе общей теории административного процесса.*

***Ключевые слова:*** *административный процесс, административная процедура, административное судопроизводство, модель раздельной кодификации, модель единой (общей) кодификации, интегративный метод*

*The article examines scientific approaches to understanding administrative proceedings and their structure in post-Soviet countries and a number of foreign countries. Increased attention is noted to the development of a general "synthetic" (summary) theory of administrative proceedings, incorporating an integrative methodology. In this regard, the specific approaches and understandings of these approaches in foreign countries are revealed, and two main types of codified models for regulating administrative proceedings are proposed: a model of separate regulation of administrative proceedings and a general (unified) model of codification of administrative proceedings. The primary focus is on the implementation of a common (unified) model for the codification of administrative procedure norms and administrative legal proceedings. Within this model, administrative legal proceedings are distinguished exclusively as administrative legal proceedings. A study of the experience of using unified codification models and their implementation for the development of an integrated concept of administrative proceedings, which, as a holistic phenomenon in the unity of jurisdictional and non-jurisdictional (positive) components, creates additional incentives and grounds. The article reveals the features of the application of the integrative methodology of perception and interpretation of the administrative process and current issues of its development based on the general theory of the administrative process.*

***Key-words:*** *administrative process, administrative procedure, administrative legal proceedings, model of separate codification, model of unified (common) codification, comparative study, integrative method*

## Пешгуфтор

Дар назарияи ҳуқуқи маъмурии муосир, фарқгузорӣ нисбати фаҳмиши равишҳои илмии мурофиаи маъмурии «идорӣ» ва мурофиаи «юрисдиксионӣ» то имрӯз хотима наёфтааст. Дар ҳамин асос, мурофиаи маъмурӣ ҳамчун яке аз шаклҳои амалинамоии фаъолияти идоракунии юрисдиксионӣ махсуб меёбад, ки ба мақсади ҳаллу фасл намудани парвандаҳои маъмурии баҳснок равона шуда, амалшавии функсияи судии ҳокимияти оммавиро дар худ инъикос менамояд. Баҳсҳои олимон дар бораи бартарият ва нуқсонҳои равишҳои номбурдаи илмӣ сабаби пайдо шудани равиши комплексӣ дар заминаи равиши мурофиаи маъмурии идорӣ гаштаанд. Аммо ин баҳсҳо ба ғайр аз зикри таърифу бартарияти яке бар дигаре дигар ягон

самараи илмӣ ё амалӣ надодаанд. Баҳри хотима бахшидан ба баҳсҳои илмӣ ва муайян кардани фаҳмиши амиқ профессор Ю.П. Соловей пешниҳод кардааст, ки дар ҳалли масъалаи фаҳмиши мурофиаи маъмурии Русия бояд асоҳои қонунгузории мурофиавии маъмурии ин кишварро ба назар гирифта шавад, «ки аз онҳо се қисмати асосии мурофиаи маъмурӣ – яъне: а) истеҳсолоти судии маъмурӣ; б) истеҳсолот оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; в) истеҳсолоти расмиётии маъмурӣ бармеоянд». Чунин равиши фаҳмиш имконят медиҳад, ки ба баҳсҳои тулонӣ хотима бахшида шавад. [22, 359-378]

Ба андешаи олимони рус, «Асоси консептуалии ба даст овардани консенсус (мувофиқа) оид ба фаҳмиши васеи мурофиаи маъмурӣ метавонад назарияи умумии мурофиаи ҳуқуқӣ бошад, ки дар асоси он, мурофиаи ҳуқуқӣ ҷузъҳои юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксиониро дар бар гирифта ҳамчун, ягонагии ин ҷузъҳо на маҷмуи қоидаҳои мурофиавӣ, балки аз принсипҳои роҳбарикунандаи мурофиави маъмурӣ-ҳуқуқӣ» иборат аст. [13, 459;11, 225]

Дар илми муосири ҳуқуқи маъмурӣ оид ба фаҳмиши мурофаи ҳуқуқӣ консепсияи интегративӣ арзи вуҷуд менамояд. Ин консепсия тарафдорони бештар пайдо мекунад. Муҳтавои доктриналии консепсияи мазкур аз он иборат аст, ки фаҳмиши мурофиаи маъмурӣ бояд тавассути фаҳмиши бо ҳамназдикшавии ҳуқуқӣ сурат бигирад. [24, 23-25]

Дар асоси гузоришҳои назариявии зикргардида бо мақсади муайян намудани модели миллии батанзимдарории мурофиаи маъмурии ватанӣ бо услуби муқоисавии-ҳуқуқӣ пажуҳиш намудани масъалаи марбутаро манфиатнок меҳисобем.

**1.Моделҳои асосии кодификатсияи қонунгузории мурофиавии маъмурӣ**

Дар давлатҳои дорои низоми ҳуқуқии романо-олмонӣ ду модели асосии зерини кодификатсияи меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҳуқуқии расмиёти маъмурӣ ва мурофиаи судии маъмуриро танзим менамоянд, фарқ карда мешавад: модели *кодификатсияи ҷудогона* ва модели *кодификатсияи умумӣ(якҷоя)*.

Модели кодификатсияи ҷудогона бо он фарқ мекунад, ки дар он меъёрҳои расмиёти маъмурӣ ва меъёрҳои мурофиавии судии маъмурӣ дар алоҳидагӣ систематизатсия карда шуда дар санадҳои кодификатсияшудаи ҷудогона дар намуди кодексҳо, қонунҳо, қонунҳои органики қабул карда шудаанд. Анъанаи қабули чунин модели кодификатсияи меъёрҳои расмиётии маъмурӣ ва меъёрҳои мурофиаи судии маъмурӣ ҳамчун модели қонунгузорӣ бартарият дошта, дар ҳамаи давлатҳои аврупоӣ ба назар мерасад. Масалан, қонунҳои алоҳида дар бораи расмиёти (истеҳсолоти) маъмурӣ ва дар бораи мурофиаи судии маъмурӣ (истеҳсолоти судии маъмурӣ) дар Олмон, Юнон, Испания, Италия, Полша, Финляндия ва Чехия қабул карда шудаанд. Ин қонунгузориҳо бо номи худ фарқ мекунанд: дар Австрия ин Қонун дар бораи асосҳои умумии истеҳсолоти маъмурӣ (с.1991) ва Қонун дар бораи истеҳсолоти судии маъмурӣ (2013), дар Фаронса Кодекси муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ (с.2015) ва Кодекси адлияи маъмурӣ (с. 2021), дар Португалия Кодекси истеҳсолоти маъмурӣ (с.2015) ва Кодекси мурофиа дар судҳои маъмурӣ (с.2002), дар Черногория Қонун дар бораи расмиёти умумии маъмурӣ (с.2003) ва Қонун дар бораи баҳсҳои маъмурӣ (с.2017), мабдаи танзимгароии он истеҳсолоти судии маъмурӣ мебошад [21, 375; 22, 436; 4, 113].

Дар доираи кодификатсияи ҷудогона мафҳумҳои «расмиёти маъмурӣ» ва «истеҳсолоти маъмурӣ», аз рӯйи қоидаи умумӣ, барои батанзимдарории фаъолияти маъмурияти оммавӣ истифода карда мешавад. Мафҳуми «мурофиаи маъмурӣ» ба мафҳумҳои боло ҳамҷинс намебошад ва ба мазмуни он мувофиқат намекунад, лекин ҳамчун синоними истеҳсолоти судии маъмурӣ – шакли мурофиавии адлияи маъмурӣ, ё ин ки ҳамчун юрисдиксияи баҳсии маъмурӣ истифода мешаванд.

Модели кодификатсияи умумӣ (ягона) хусусияти муттаҳидкунандагӣ дошта, дар як санади кодификатсионӣ якҷоя меъёрҳои расмиёти маъмурӣ ва меъёрҳои истеҳсолоти судии

маъмурӣ танзим карда мешаванд. Ин намуди танзимро қаблан давлатҳои алоҳида камтар истифода намудаанд. Масалан, ин амалия дар Нидерландия – Қонун дар бораи ҳуқуқи маъмурии умумӣ (1992), дар Болгария Кодекси мурофиавии маъмурӣ (2006), дар Колумбия Кодекси истеҳсолоти маъмурӣ ва мурофиавии судии маъмурӣ (2011). [21, 375; 22 436;]

Ҳамин тариқ, дар доираи модели ягонаи кодификация кодексҳои мурофиавии маъмурӣ меъёрҳои расмиётии маъмуриро муттаҳид намуда, фаъолияти мурофиавии мақомоти маъмуриро танзим менамоянд. Яъне истеҳсолоти қабул намудани санади идоракунӣ, амалҳои ташкилӣ-ҳуқуқии маъмурӣ ва қисми меъёрҳои мурофиавии судии маъмуриро, масалан, марбут ба мавриди баҳс қарор додани санади маъмурӣ- ҳуқуқӣ, дар як қонунгузорӣ танзим менамоянд. Аммо модели умумӣ камбудии муайян зоҳир менамояд, яъне дар доираи як қонунгузорӣ пурра танзим намудани ҳамаи меъёрҳои расмиётӣ ва мурофиавии маъмурӣ ғайри имкон мебошад. Ба ин нигоҳ накарда дар ҳама ҳолат чунин модел бо хусусияти комплексии худ, камхароҷот буданаш ва пурракунандаи ҷои холии қонунгузорӣ фарқ менамояд, ки ҳамчун моделиояндадор қабул карда шудааст. Шояд ҳамин хусусиятро ба назар гирифта давлатҳои алоҳидаи пасошуравӣ ин моделро қабул кардаанд. Аз ҷумла, Арманистон (с.2004), Озарбойҷон (с.2009), кодексҳои маъмурикунонӣ ва истеҳсолоти судии маъмурӣ қабул намуланд, ки масъалаҳои мурофиавӣ ва расмиётии маъмуриро танзим менамуданд. Кодекси расмиётӣ ва мурофиавии Ҷумҳурии Қазоқистон (с.2020) бошад аз ду фасл иборат буда, фасли алоҳида танзими расмиёти маъмурӣ ва фасли дигар мурофиаи судии маъмуриро танзим кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин консепсияро афзалиятнок ҳисобида кушиши таҳия ва қабул намудани Кодекси расмиётӣ ва мурофиавии маъмурии худро дорад ва алакай лоиҳаи аввалини он таҳия карда шудааст, ки дар бораи он мо муфасал дар поёнтар истода мегузарем.

**2. Кодификатсияи қонунгузории мурофиавии маъмурӣ дар давлатҳои пасошуравӣ**

Хусусияти муҳимми ин масоил аз он иборат мебошад, ки ҳамаи ин давлатҳо қаблан дар системаи ягонаи ҳуқуқии давлати шуравӣ қарор доштанд, аз ин лиҳоз, дар замони пошхурии давлати шуравӣ қонунгузории мурофиавии маъмурӣ ба мазмуни воқеии он вуҷуд надошт. Муносибат ба ин масъала дар ин давлатҳо дар сатҳи якхела қарор доштанд. Яъне дар ҳамаи онҳо ба сифати мурофиаи маъмурӣ тартиби пешбурд ва баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳам аз тарафи мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдор, ва ҳам аз тарафи судҳо баррасӣ намудани ин парвандаҳо фаҳмида мешуд.

Хусусияти дигар, ки ба ҳамаи давлатҳои пасошуравӣ хос буд, ин вуҷуд надоштан ва инкишоф наёфтани падидаи адлияи маъмурӣ буд, ки ин ҳолат мафкураи мурофиаи идориро ба миён овард. Яъне аз руйи ин ақида мурофиаи маъмурӣ ҳамчун воситаи аз тарафи мақомоти идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо амалӣ намудани ваколатҳои иҷроишию амрдиҳӣ ва юрисдиксионӣ фаҳмида мешуд [6, 267].

Хусусияти сеюми масъалаи матраҳшаванда аз он иборат мебошад, ки пас аз ба даст овардани истиқлолият ин давлатҳо ба таъсисдиҳии адлияи маъмурӣ ва мурофиаи судии маъмурӣ шуруъ намуданд. Дар танзими меъёрҳои падидаҳои номбурда баъзе давлатҳо хеле пеш рафтанд. Масалан, давлатҳои назди Балтика дар остонаи солҳои 90-ум алакай қонунгузории мураттаби мурофиаи маъмурии худро доштанд. Дар ҳамин давра Украина ва Гурҷистон низ қодексҳои адлия ва мурофиавии маъмурии худро қабул намуданд [5, 167-169].

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар қонунгузории аксар кишварҳои пасошуравӣ, зарурат ва муҳиммияти танзими расмиёти маъмурӣ ҳамчун яке аз самтҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ пешбинӣ нашуда буд. Гуфтаҳои мазкур бо он далел асоснок мешуд, ки ин давлатҳо таҷрибаи батанзимдарории ҳуқуқии ин намуди фаъолияти мурофиавии маъмуриро надоштанд.

«Дар шароити нави соҳибистиқлолӣ давлатҳои пасошуравӣ масъалаи кодификатсияи қонунгузории мурофиаи маъмурро бо тарзи гуногун ҳал намудаанд. Гурӯҳи давлатҳо

таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷа, аз ҷумла Фаронса ва Олмонро истифода намудаанд, баъзе давлатҳо низоми адлияи маъмурии таърихии худро барқарор карданд (давлатҳои назди Балтика) [5, 167-169]. Дар ин кор нақш ва кумаки ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Ҷамъияти ҳамкории байналмилалии Олмон (GIZ)-ро қайд намудан лозим аст, ки бо дастгирии ин Ҷамъият дар ибтидои солҳои 2010 лоиҳаи намунавӣ (Қонуни моделии кодекси мурофиавии маъмурӣ) коркарда шуд, ки барои интихоби равишҳои илмӣ ва афкори доктриналӣ доир ба шакл, намуд, мазмун ва мундариҷа аҳмият» дорад [4, 113-116].

Меъёрҳои ин лоиҳа барои таҳияи қонунгузориҳои миллӣ бо назардошти хусусиятҳои миллии давлати алоҳида мусоидат менамоянд. Аммо асоси онро қонунгузории Олмон дар бораи мурофиаи маъмурӣ ташкил медиҳад, ки бо қонунгузории расмиёти маъмурии ин давлат алоқаманд намебошад. «Доктринаи асосии ин лоиҳаро фаҳмиши мурофиаи маъмурӣ ҳамчун ҳуқуқи аз тарафи судҳо баррасӣ намудани баҳсҳои маъмурӣ ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, ки аз тартиботи расмиётии маъмурӣ фарқ менамояд» [16, 205].

Бояд тазакур дод, ки ҷараёни таҳия ва қабули кодексҳои расмиётӣ ва мурофиавии маъмурӣ дар давлатҳои пасошуравӣ то пешниҳод гаштани лоиҳаи қонуни намунавӣ оғоз гардида, то соли 2010 алакай як қатор давлатҳо қонунгузории мурофиавии маъмурӣ ва расмиётии маъмурии худро доштанд. Қонунэҷодкунӣ дар ин давлатҳо асосан бо ду намуди ба танзимдарории ҳуқуқии муносибаҳои расмиётии маъмурӣ ва муносибатҳои мурофиавии маъмурӣ суръат мегирифт. Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда шаклли омехта – яъне дар як қонунгузорӣ ба танзим даровардани ҳам расмиёти маъмурӣ ва ҳам мурофиаи маъмуриро маъқул дониста, моҳи марти соли 2007 - ум Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул кард, ки дар боби 6 ин Кодекс тартиби мурофиавии судии баррасии парвандаҳо марбут бо баҳсҳои хусусияти оммавӣ дошта танзими худро ёфтааст [7, 2007].

Модели танзими ҳуқуқии меъёрҳои расмиёти маъмурӣ ва мурофиаи судии маъмурӣ дар ду кодекси алоҳида дар давлатҳои пасошуравӣ дар солҳои охир таҷрибаи доманадор пайдо намудаанд, ки аз номгузории онҳо фарқ кардан мумкин аст.

Қонуни дуюм меъёрҳои мурофиавии судии маъмуриро танзим менамояд [21, 78]. Дар Ҷумҳурии Узбекистон соли 2017 бо дастгирӣ ва кумаки Ҷопон Қонун дар бораи расмиёти маъмурӣ ва соли 2018 Кодекси истеҳсолоти судии маъмурӣ қабул карда шуд. Ба ҳамин гуруҳ Ҷумҳурии Литваро номбар кардан мумкин аст, ки ҳоло соли 1999 Қонун дар бораи истеҳсолоти парвандаҳои маъмурӣ ба амал ҷори карда шуд, ки пешбурди мурофиавии судии парвандаҳои маъмуриро танзим мекард. Дар айни замон боз Қонун дар бораи маъмурикунонии оммавӣ амал мекард, ки муносибатҳои расмиёти маъмуриро танзим менамуд. Дар Украина аз соли 2005-ум Кодекси мурофиавии судӣ ва аз соли 2021 Қонун дар бораи расмиёти маъмурӣ амал менамоянд.

Дар баъзе давлатҳои собиқ шуравӣ меъёрҳои кодификатсия шуда, ки пешбурди мурофиавии судии парвандаҳои баҳсии маъмуриро танзим менамоянд, Кодекси мурофиавии маъмурӣ номгузорӣ шудаанд. Чунин номгузори намудани кодекс бесабаб нест, зеро моҳиятан, мутлақо ҷудо будани мурофиаи судӣ аз расмиёти маъмурӣ, яъне фаъолияти маъмурикунониро аз мурофиаи суди фарқ кардан таъкид мешавад. Ба ин гурӯҳ кодексҳо Кодекси мурофиаи маъмурии Гурҷистон (соли 1999); Кодекси мурофиавии маъмурии Озарбойҷон (соли 2009); Кодекси мурофиавии маъмурии Эстония (соли 2011) ва Кодекси мурофиавии маъмурии Қирғизистон (соли 2017) дохил мешаванд.

Таҳлили муқоисавии кодексҳои мазкур, дар боло номбурда марбутан ба мурофиаи маъмурӣ, ки модели танзими ҷудогона мебошанд, нишон медиҳад, ки дар танзими муносибатҳои маъмурӣ- мурофиавӣ конструксияи духурай «расмиёти маъмурӣ – мурофиаи маъмурӣ» бартарият доранд.

Модели кодификатсияи умумӣ, яъне дар як кодекс танзим намудани принсипҳо ва меъёрҳои расмиёти маъмурӣ ва мурофиавии судии маъмурӣ дар давлатҳои Латвия,

Молдова, Қазоқистон ва Тоҷикистон истифода карда шудааст. Дар ин давлатҳо ғояи фаҳмиши умумии мурофиаи маъмурӣ ҳамчун маҷмуи ду қисми таркибии он, яъне мурофиаи юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионӣ ба амал татбиқ карда шудааст. Бояд қайд намуд, ки ғояи номбурдаи фаҳмиши умумӣ дар Қонуни мурофиавии маъмурии Латвия (2011) табиатан пайваста танзим карда шудааст [3, 555]

Яъне меъёри мазкур ғояи асосӣ – амалинамоии назорати судӣ аз болои маъмурияти давлатиро мустаҳкам намудааст, ки консепсияи мурофиаи судии маъмурии Фаронсаро ба ёд меорад. Дар воқеъ консепсияи назорати судӣ аз болои маъмурияти давлатӣ дар низоми қонунгузории мурофиавии маъмурии давлати исломии Эрон низ моделсозӣ карда шудааст [12, 367].

Модели кодификатсияи умумӣ, яъне дар як санади қонунгузорӣ танзим намудани ду ҷабҳаи мурофиавӣ: расмиётӣ ва мурофиавии судии маъмурӣ, чи, хеле, ки дар боло қайд намудем, дар Ҷумҳурии Қазоқистон низ қабул карда шудааст. Дар ин давлат аз соли 2020 Кодекси расмиётӣ ва мурофиавии маъмурӣ қабул ва ба амал ҷорӣ карда шудааст. Предмети ба танзимдарории ин Кодекс, чуноне ки дар моддаи 1 - и он «қайд карда шудааст аз муносибатҳои расмиётии дохилаи маъмурии мақомоти маъмурӣ, расмиёти маъмурӣ ва тартиби пешбурди мурофиавии судӣ (истеҳсолоти судии маъмурӣ) иборат аст» [1, 2020].

Бар хилофи КММ Молдова ва ҚММ Латвия Кодекси расмиётӣ-мурофиавии Қазоқистон ба услуби интегративӣ камтар такья намуда, бештар сохтори дихотомӣ (духурагӣ)-ро касб кардаанд. Яъне бахши расмиёти маъмурӣ ва бахши мурофиавии судии маъмурӣ. Зери мафҳуми расмиёти маъмурӣ ин Кодекс фаъолияти мақомоти маъмурӣ ва шахси мансабдорро мефаҳмад, ки бо мурочиати шаҳрвандон ё бо ташабуси худ парвандаҳои маъмуриро баррасӣ менамояд, бо он қарор қабул мекунад ва ичрои онро таъмин менамоянд (мод.4). Бояд қайд намуд, ки мафҳуми расмии мурофиаи маъмуриро Кодекс надодааст, лекин аз мазмуни меъёрҳои он бармеояд, ки мурофиаи маъмурии кодекси мавриди таҳлил танҳо хусусияти мурофиавии судии маъмурӣ, яъне истеҳсолоти судии маъмуриро дар назар дорад. Зеро дар Кодекс ибораи мурофиаи маъмурӣ танҳо дар ҳолати танзими мурофиаи судии маъмурӣ истифода карда шудааст.

Ҳолатҳои номбурда шаҳодат медиҳанд, ки ҳангоми таҳия ва қабули қонунгузории мазкур мақоми қонунгузори ин давлат аз ғояи кодификатсияи умумӣ, яъне дар як қонун танзим намудани муносибатҳои мурофиавӣ ва расмиётии маъмурӣ, танҳо ба хотири истифодаи воқеии қулай ва мақсаднок будани сохтори техники-ҳуқуқӣ рафтор намудааст. Бояд қайд намоем, ки гурӯҳи кории таҳиякунандаи Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҷдиди назар ва омода намудани лоиҳаи нави КРМ ҶТ-ро ба зима дорад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол вуҷуд надоштани қонунгузории марбут ба танзими мурофиаи судии баҳсӣ-маъмуриро ба назар гирифта, бинобар камхарҷ, дар истифода мувофиқ ва сохтори соддакардашудаи онро ба назар гирифта ба хулоса омаданд, ки модели Кодекси ягонаи расмиётӣ-мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва пешниҳод намоянд. Дар ҳолати қабул шудани лоиҳаи пешниҳодшаванда проблемаи пакетизатсия (дастабандӣ) қонунгузории мурофиавии маъмурии ватанӣ ҳал карда мешавад, яъне дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодекси расмиётӣ-мурофиавии маъмурӣ, дар маҷмуъ пакети (дастаи) - пурраи қонунгузории мурофиавии маъмуриро ташкил менамоянд. Ин ҷо бояд қайд намоем, ки муаллифони лоиҳа бар ақидаи ягона ҳастанд, ки дар ҳолати қабул гардидани лоиҳа бояд ҳатман бобҳои 23-24 и КММ ҶТ (Кодекси мурофиаи маданӣ) ва бобҳои танзимкунандаи баррасии баҳсҳои хусусияти оммавӣ дошта дар судҳои иқтисодӣ КМИ ҶТ (Кодекси мурофиаи иқтисодӣ) ҳамчун эътибори худро гум карда бояд хориҷ карда шаванд.

Доир ба ҳолати мавҷудаи Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КРМ

ҶТ) бояд қайд намоем, ки дар танзим намудани меъёрҳои он (дар лаҳзаи таҳия ва қабул, солҳои 2004-2007) қонунгузори ватанӣ усули ҷадиди қонунсозиро истифода намуда, аз қолаби қонунсозии замони шуравӣ даст кашидааст. Зеро дар ин Кодекс ба ғайр аз нав будани сохтори меъёрҳо ва ҷойгузории онҳо, ғояи дар як кодекс танзим намудани истеҳсолоти расмиётӣ ва мурофиаи судии баҳсӣ амалӣ карда шудааст. Аз ҳамин лиҳоз ва бинобар он, ки аввалин шуда соли 2007-ум ин Кодекс қабул шуда буд, модели муттаҳидгардонии танзими расмиётӣ ва мурофиавии маъмурӣ ва равиши илмии интегратсиониро модел ва равиши тоҷикистонӣ номидан мумкин аст.

Ба ақидаи олимони соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ профессорон Зелентсов А.Б. ва Ястребов О.А. КРМ ҶТ-ро бо шарти муайян ба гурӯҳи модели ягонаи расмиётӣ ва мурофиавии судии маъмурӣ ҳамроҳ кардан мумкин аст. Зеро предмети батанзимдарории он, ки дар мод. 1-и Кодекс қайд карда шудааст, аз тартиби таҳия, қабул ва иҷрои санади маъмурӣ-ҳуқуқӣ, баррасӣ намудани ариза ва шикоятҳои маъмурӣ ва амалӣ намудани истеҳсолоти расмиётии маъмури дар суд ва ҳамкории мақомоти маъмурӣ муайян карда шудааст [4, 113-116]. Ин ҳолат ба ақидаи онҳо ба мавқеи назарияи умумии ҳуқуқи маъмурӣ пурра мувофиқат намекунад, зеро таносуби баробари расмиётиву мурофиавии меъёрҳо риоя карда нашудааст [4, 113-116].

Дар ҳақиқат эроди олимони номбурдаро ба инобат гирифтан зарур аст. Зеро, норасоиҳои ҷой дошта сифат ва мазмуни қонунро коста мегардонанд. Масалан, дар моддаи 2-юм мафҳуми расмиёти маъмури ба мазмуни зайл оварда шудааст: фаъолияти мақомоти маъмурӣ бо мақсади «таҳия, қабул ва иҷрои санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ, баррасии ариза ва шикоятҳои маъмурӣ». Аммо дар мод. 35 қонунгузор қайд менамояд, ки расмиёти маъмурӣ аз ҷониби мақомоти маъмурии ваколатдор анҷом дода мешавад. Яъне хулоса мебароян, ки на ҳамаи мақомоти маъмурӣ ҳуқуқи анҷом додани расмиёти маъмуриро доранд, зеро ин кор ба зимаи мақомоти ваколатдори маъмурӣ гузошта шудааст. Ба ғайр аз ин дар кодекс ибораи душворфаҳми «мурофиаи **расмиёти** маъмурӣ дар суд» истифода карда шудааст, мафҳум ва муҳтавои 21 моддаи дар ин боб мавҷуд бударо, ки мурофиаи судии маъмуриро танзим менамоянд, дар бар намегирад. Зеро предмети истеҳсолоти номбурда танҳо баҳсҳо марбут ба расмиёт шуда метавонанд, яъне баҳсҳои хусусияти мурофиавӣ дошта. Аммо мутобиқи тағйиру иловаҳои ба Кодекс соли 2012 ворид намуда предмети расмиёти маъмурӣ дар суд васеъ карда шуда, қайд гардидааст, ки «дар мурофиаи расмиёти маъмурӣ дар суд баҳсҳои зерин метавонанд баррасӣ гарданд: а) мутобиқати санади ҳуқуқии маъмурӣ ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; б) уҳдадории мақомоти маъмурӣ оид ба ҷуброни зарар; в) уҳдадории мақомоти маъмурӣ оид ба қабули санади маъмурӣ ё анҷомдиҳии ягон амали дигар тибқи расмиёти маъмурӣ» [7, 2007]. Азбаски, дар кодекс мафҳумҳои «истеҳсолоти судии маъмурӣ» ё «мурофиаи маъмурӣ» истифода намешавад барои мушахасгардонии мафҳуми пурраи мурофиавии судии баҳсии маъмурӣ, ба андешаи мо, баҳри пуррагии мазмуни мантиқии боби 6 –и кодекс «мурофиаи баҳсии маъмурӣ дар суд» номгузорӣ карда шавад. Ба ғайр аз камбудиҳои номбурда, боз ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки кодекси мазкурро ба амал ҷорӣ намуда як сол пас яъне соли 2008-ум Парламенти мамлакат Кодекси мурофиавии граждaниро қабул намуд, ки дар боби 24 истеҳсолоти мурофиавии граждaниро бо парвандаҳои баҳсии маъмурӣ баррасӣ мекард. Камбудии ин истеҳсолот дар он буд ва ҳаст, ки парвандаҳоро на бо тарзи даъвогӣ, ки КРМ муқарар карда буд, яъне бо тартиби мурофиаи маъмурӣ, балки бо тарзи ғайридаъвогии гражданӣ, мутобиқи пешбурди махсус дар асоси ариза баррасӣ карда мешавад. Новобаста аз он, ки ба Қонуни ҶТ аз 03.01.2024 № 2022, тағйиру иловаҳо ворид намуда, Кодекси мурофиавии мадании ҶТ, қабул ва амал карда истодааст, дар он боби 24 чун номгузории пештара боқӣ мондааст. Доир ба чунин ҳолати ғайримантиқӣ ва номувофиқ пажуҳишгарон

Иброҳимов С.И. соли 2012 ва Раҳматова З.М. соли 2017 ибрози ақида намуда, пешниҳод карда буданд, ки боби 24 и КМГ ҶТ бекор карда шуда дар заминаи боби 6 – и КРМ ҶТ қонунгузории аллоҳида марбут ба мурофиавии судии маъмурӣ бо номи Кодекси пешбурди мурофиавии маъмурии ҶТ таҳия ва қабул карда шавад [17, 12; 6, 26]. Ба андешаи мо, то он замоне, ки проблемаи мустақилгардонии қонунгузории мурофиавии маъмурӣ, яъне ҷудо намудани он аз мурофиаи гражданӣ ҳал нагардад, проблема боқӣ мемонад.

Ин ҳолатро дарк намуда роҳбарияти олии сиёсии мамлакат супориш додааст, ки КРМ ҶТ-ро таҷдиди назар карда лоиҳаи нави он таҳия ва ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод карда шавад. Воқеан ин супориш аз Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 бармеояд, ки дар он мустақил ва мушаххасгардонии меъёрҳои мурофиавии маъмурӣ аз меъёрҳои мурофиавии гражданӣ масъалагузорӣ карда шудааст [8, 2018].

### 3. Масоили ташакули назарияи умумии мурофиаи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар илми муосири ҳуқуқи маъмурӣ солҳои охир ақидаҳо мавҷуданд, ки бунёд намудани назарияи умумии мурофиаи маъмурӣ, ки хусусияти синтез-кунандагӣ дошта, консепсияҳои ҷойдоштаи «комплексӣ», «муттаҳидкунандагӣ» ва «ягона» сифатҳои беҳтарини мурофиавиро гирифта, доктринаи нав - назарияи муосири мурофиаи маъмурии муттаҳид ва ягонаро пешниҳод намояд [10, 38-43].

Яке аз равишҳои сермаҳсул барои амалӣ намудани мақсади бунёди назарияи умумии мурофиаи маъмурӣ ба ақидаи олимон равиши интегративӣ (ҳамгирой) мебошад. Ин равиш аз калимаи лотинии *integratio – барқароркунанда, пуркунандаи* қисмҳои чизи ягона, наздикшавӣ ва ташакули алоқамандӣ – фаҳмида мешавад. Равиши мазкур ба «муҳаррики пешбаранда»-и илми мурофиаи маъмурии назариявӣ ва амалии замони муосир шабоҳат дода мешавад [15, 90-95]. Бо баробари ҳамин, дар бораи бартарият ва камбудиҳои равиши интегративӣ баҳсҳои илмӣ хеле паҳновар мебошад. Масалан ба ақидаи олимони шинохтаи ҳуқуқи маъмурӣ Д.Н.Бахрах, И.В. Панова, [2,76; 14, 126], се таркиби мурофиаи ягонаи маъмурӣ - мурофиаи маъмурии меъёрэҷодкунӣ; мурофиаи маъмурии ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мурофиаи маъмурии юрисдиксиониро ҷудо кардан қобили дастгирӣ аст.

Бо ҷонибдорӣ аз равишҳои мазкур, В.Н. Самсонов менависад, ки «мурофиаи маъмурӣ ҳамчун фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ва дигар субъектҳои ҳокимиятдор барои баррасӣ намудани парвандаҳои маъмурӣ бо мақсади таъмин ва риоя намудани ҳуқуқу озодиҳои қонунии иштирокчиён ва ҳимояи манфиатҳои оммавӣ, ки ба қабули санади қонунӣ, асоснок, адолатнок ва саривақтӣ равона карда шудааст, фаҳмида шавад» [10, 63-70].

Ба андешаи мо, ба мадди аввал фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия гузошта мешавад. Бо баробари ҳамин равиши интегративӣ мурофиаи маъмуриро ҳамчун категорияи ягона, низоми мукаммали пешбурди юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионӣ, ки дар як санади кодификатсионӣ метавонад танзим карда шуда бошад, муаррифи менамояд. Шарҳи ин ду қисми мурофиаи ягона, масалан, дар асарҳои А.И.Стахов [20,63-70]. қисмати мурофиаи маъмурии ғайриюрисдиксионӣ – яъне мурофиаи позитивии маъмурӣ дар мақомоти маъмурияти оммавӣ (мурофиаи расмиётии маъмурӣ); ва қисмати мурофиаи юрисдиксионӣ дар асарҳои профессор П.И. Кононов, ки ба асоси ин намуди мурофиа мавҷудияти парвандаи маъмуриро мегузорад, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст [9, 11,38].

Бояд қайд намуд, ки масоили матраҳшаванда боз аз руйи равиши васеи фаҳмиш шарҳи худро дорад. Масалан, профессор Салищева Н.Г. қайд мекард, ки мурофиаи маъмурӣ хусусияти сегонаро дорад, зеро дар зери ин мафҳум: расмиёти маъмурӣ; мурофиаи юрисдиксионии маъмурӣ ва истеҳсолоти судии маъмурӣ фаҳмида мешавад.[18, 26-28] Муаллиф дар шарҳи ҳар як қисмати номбурдаи мурофиаи маъмурӣ хусусиятҳои хоси

онҳоро ҷудо намуда, масалан, расмиёти маъмуриро хоси мақомоти ҳокимияти иҷроия, мурофиаи юрисдиксиониро – хоси мақомоти ҳокимияти иҷроия ва суд, истеҳсолоти судиро танҳо хоси мақомоти адолати судӣ мефаҳмид.

Омӯзиши мурофиаи маъмурӣ аз руйи методологияи номбурда имконият медиҳад, ки ҳамаи ҷанбаҳои мурофиавӣ бо назардошти функсияи ҳуқуқҳифзкунандагии ҳуқуқи маъмурӣ, аз тарафи олимон, қонунгузор ва ҳуқуқтатбиққунанда якхела фаҳмида шавад.

**Хулоса**

Дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ давлатҳои муосир марбут ба мурофиаи маъмурӣ анъанаи танзими ҷудогонаи мурофиаи маъмурӣ ва расмиёти маъмурӣ ба назар намерасад, ки ин раванд баъзан ба муқобилгузории ду ҷанбаи бо ҳам алоқаманди мурофиаи маъмурӣ анҷом дода мешавад. Дар доираи ин модел мурофиаи маъмурӣ ҳамчун воситаи пешбурди мурофиаи судии маъмурӣ фаҳмида мешавад. Бинобар он, ба андешаи мо, модели дар як қонунгузорӣ кодификатсия кардани меъёрҳои расмиёти маъмурӣ ва мурофиаи маъмурӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон расмиёти маъмурӣ ва мурофиаи маъмурии баҳсӣ (судӣ) ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро ки дар Тоҷикистон аз соли 2013 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабул карда шудааст. Аз ҳамин лиҳоз кодекси пешниҳодшавандаро Кодекси расмиётӣ-мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ кардан мумкин аст. Дар Кодекси номбурда ғояи фаҳмиши умумии мурофиаи маъмурӣ ҳамчун маҷмуи ду қисмати таркибии он, яъне қисмати юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионӣ дар ҳолати ягонагӣ қабул карда мешавад. Модели марбута дар таҷрибаи давлатҳои ҷаҳони имрӯза хеле васеъ истифода карда мешавад. Самаранок будани истифодаи ин қабил қонунгузорӣ масалан, бо таҷрибаи Кодекси мурофиавии маъмурии Булғория соли 2006 ва Қонуни мурофиавии маъмурии Латвия соли 2001 тасдиқи амалии худро ёфтааст.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Административно - процедурно-процессуальный кодекс Республики Казахстан от 29 июня 2020 года, № 350-VI. // дастрас дар сомонаи // https://www Эдилет*
2. *Бахрах Д.Н. Административное право России: учебник для вузов. - Москва: НОРМА - ИНФРА. 2000. – 623 с.*
3. *Дастрас дар сомонаи://Available at: https://likumi.lv › 55567-admi... (санаи мурочиат 31.01.2025)*
4. *Зеленцов А.Б., Ястребов О.А. Современные модели административно-процессуального регулирования: опыт сравнительно – правового регулирования. // Право. Журнал Высшей школы экономики. - 2022. - Т. 15. № 3. – С. 96 – 29.*
5. *Зеленцов А.Б. Иброгимов С.И. Административная юстиция в прибалтийских государствах постсоветского пространства: соотношение и развитие. // Вестник РУДН 2012, №2 – С.167-179.*
6. *Иброҳимов С.И. Адлияи маъмурӣ дар ҶТ: падидаи ҳифзи ҳуқуқ ва озолиҳои шаҳрвандон. – Душанбе: Ирфон., 2012. - 267с.*
7. *Кодекси расмиёти маъмурии ҶТ. Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/.*
8. *Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028. Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/.*
9. *Кононов П.И. Административное судопроизводство как структурная часть административного процесса // Административное право и процесс. -2015. № 11. – С. 38 – 42.*

10. *Лапина М.А. Объединенная концепция системы административного процесса // Юридический мир. -2012. № 3. - С.38-43*
11. *Муҳаммадзодеҳ А.З. Хуқуқи маъмурии Эрон (форси) Теҳрон, 2007, 367с.*
12. *Павлушина А.А.Теория юридического процесса: проблемы и перспективы развития: дис. …. д.ю.н. - Самара, 2005. -459 с.*
13. *Ланг П.П. Некоторые методологические основы юридического процесса // Вопросы российского и международного права. -2017. -№ 1. - С. 225 - 232.*
14. *Панова И.В. Курс административно-процессуального права России / Научный редактор Э.Н. Ренов. -Саратов: Изд-во «Науч. книга», 2003. – 432 с.*
15. *Петров А.В., Зырянов А.В. Интегративный подход в современных юридических исследованиях // Вестник ЮУрГУ. Серия «Право», 2017. -№ 3. – С. 90 - 101.*
16. *Pudelka J. (Hrsg.) Verwaltungsprozesskodex: Konzeption, Modellgesetz und Kommentierung - Административно-процессуальный кодекс: концепция, модельный закон и комментирование. Berlin: Wissenschafts-Verlag GmbH, 2014. - 205 s.*
17. *Рахматова З.М. Административное судопроизводства в РТ: дис. канд. юрид. наук. – Москва, 2017. 171 с.*
18. *Салищева Н.Г. О некоторых теоретических вопросах административного процесса на современном этапе развития российской правовой системы / Актуальные проблемы административного и административно-процессуального права: материалы ежегодной Всероссийской конференции. Ч. 1. - СПб.: Санкт-Петербургский ун-т МВД, 2010. - С. 26 - 34.*
19. *Самсонов В.Н. Проблемы формирования понятия «административный процесс» в науке административного права / Юриспруденция как интегративный феномен современного российского общества и государства: материалы конференции. - Белгород: ГиК, 2018. - С. 63 -70.*
20. *Стахов А.И. Интегративный подход к пониманию административного процесса в России // Административное право и процесс. - 2015. -№ 2. - С. 313 – 326.*
21. *Сборник законодательных актов об административных процедурах. – Алматы, 2013. - 500 с. Электронный ресурс: режим доступа: https://n.eruditor.one/file/2683259/ (дата обрашения 02.02.2025).*
22. *Сборник законодательных актах об административном судопроизводстве. -Алматы, 2022. – 364 с.*
23. *Соловей Ю.П., Соловей Ю.П. К завершению дискуссии о понимании административного процесса // Сибирское юридическое обозрение. - 2021. - № 3. - С. 359 -378.*
24. *Хатуаев В.У. Еще раз о сущности и соотношении понятий «административное судопроизводство» и «административный процесс» в контексте интегративного правопонимания // Современное право. - 2021. - № 3. - С . 23-30.*


**REFERENCES:**


1. *Administrative Procedural Code of the Republic of Kazakhstan, June 29, 2020, No. 350-VI. // Available at: https://www.Әdilet] (https://www.Әdilet.*
2. *Bakhrah D.N. Administrative Law of Russia: A Textbook for Universities. Moscow: NORMA - INFRA, 2000. – 623 pp.*
3. *Available at: [https://likumi.lv] (https://likumi.lv) 55567-admi... (date of appeal: 31.01.2025)*
4. *Zelentsov A.B., Yastrebov O.A. Modern Models of Administrative Procedural Regulation: Comparative Legal Experience. // Law. Journal of the Higher School of Economics, 2022, Vol. 15, No. 3, PP. 96–129.*
5. *Zelentsov A.B., Ibroghimov S.I. Administrative Justice in the Baltic States of the Post-Soviet Space: Correlation and Development. // Bulletin of RUDN, 2012, No. 2, PP. 167–179.*

6. *Ibrohimov S.I. Administrative Justice in the Republic of Tajikistan: A Phenomenon of Protection of Rights and Freedoms of Citizens. – Dushanbe: Irfon, 2012. – 267 pp.*
7. *Code of Administrative Procedure of the Republic of Tajikistan. Centralized Legal Information Bank of the Republic of Tajikistan "ADLIA". Version 7.0. \ [Electronic resource]: – Source: http://adlia.tj/*
8. *Concept of Legal Policy of the Republic of Tajikistan for 2018–2028. Centralized Legal Information Bank of the Republic of Tajikistan "ADLIA". Version 7.0. \ [Electronic resource]: – Source: http://adlia.tj/.*
9. *Kononov P.I. Administrative Legal Proceedings as a Structural Part of the Administrative Process. // Administrative Law and Process, 2015, No. 11, PP. 38–42.*
10. *Lapina M.A. Unified Concept of the Administrative Process System. // Legal World, 2012, No. 3, PP. 38–43.*
11. *Muhammadzadeh A.Z. Administrative Law of Iran (in Persian). Tehran, 2007. – 367 pp.*
12. *Pavlushina A.A. Theory of Legal Process: Problems and Development Prospects: Doctoral Dissertation in Law. – Samara, 2005. – 459 pp.*
13. *Lang P.P. Some Methodological Foundations of the Legal Process. // Issues of Russian and International Law, 2017, No. 1, PP. 225–232.*
14. *Panova I.V. Course of Administrative Procedural Law of Russia / Scientific editor E.N. Renov. Saratov: Publishing House "Scientific Book", 2003. – 432 pp.*
15. *Petrov A.V., Zyryanov A.V. Integrative Approach in Modern Legal Research. // Bulletin of South Ural State University. Law Series, 2017, No. 3, PP. 90–101.*
16. *Pudelka J. (Ed.) Verwaltungsprozesskodex: Conception, Model Law and Commentary = Administrative Procedural Code: Concept, Model Law, and Commentary. Berlin: Wissenschafts-Verlag GmbH, 2014. – 205 pp.*
17. *Rahmatova Z.M. Administrative Legal Proceedings in the Republic of Tajikistan. Candidate of Legal Sciences Dissertation. – Moscow, 2017. – 171 pp.*
18. *Salishcheva N.G. On Some Theoretical Issues of the Administrative Process at the Present Stage of Development of the Russian Legal System // Current Problems of Administrative and Administrative Procedural Law: Proceedings of the Annual All-Russian Conference. Part 1. St. Petersburg: St. Petersburg University of the Ministry of Internal Affairs, 2010. – PP. 26–34.*
19. *Samsonov V.N. Problems of Forming the Concept of "Administrative Process" in the Science of Administrative Law // Jurisprudence as an Integrative Phenomenon of Modern Russian Society and State: Conference Materials. Belgorod: GiK, 2018. – PP. 63–70.*
20. *Stakhov A.I. Integrative Approach to Understanding the Administrative Process in Russia. // Administrative Law and Process, 2015, No. 2, PP. 313–326.*
21. *Collection of Legislative Acts on Administrative Procedures* Almaty, 2013. – 500 pp. Electronic resource: Access mode: https://n.eruditor.one/file/2683259/] (date of appeal: 02.02.2025).*
22. *Collection of Legislative Acts on Administrative Legal Proceedings. Almaty, 2022. – 364 pp.*
23. *Solovey Yu.P. On the Conclusion of the Discussion on the Understanding of the Administrative Process. // Siberian Law Review, 2021, No. 3, PP. 359–378.*
24. *Khatuaev V.U. Once Again on the Essence and Correlation of the Concepts "Administrative Legal Proceedings" and "Administrative Process" in the Context of Integrative Legal Understanding. // Modern Law, 2021, No. 3, PP. 23–30.*